# ОФЕРТАИ ОММАВӢ
## Шартнома оид ба кушодан ва хизматрасонии суратҳисоби амонати пасандозии корти вертуалии пардохтӣ

Дар ин оферати оммавӣ “Шартнома оид ба кушодан ва хизматрасонии суратҳисоби амонати пасандозии корти вертуалии пардохтӣ” (минбаъд - Оферта) шартҳои бастани шартномаи суратҳисоби бонкиро бо ҶСП “Спитамен Бонк” (минбаъд Бонк) барои шахсони воқеӣ дар бар мегирад.

Офертаи мазкур тибқи моддаҳои 469 ва 470-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳоди оммавии расмии Бонк ба Мизоҷон барои бастани шартнома оид ба кушодани суратҳисоби бонкӣ, мебошад.

Шартномаи суратҳисоби бонкӣ байни Бонк ва Мизоҷ (минбаъд – Тарафҳо) аз лаҳзаи анҷом додани амалҳои Мизоҷ, ки дар Офертаи мазкур пешбинӣ шудааст ва маънои қабули бечунучарои ҳамаи шартҳои Оферта аз ҷониби Мизоҷ бидуни ягон истисно ва маҳдудият басташуда ҳисобида мешавад.

### 1. Мазмуни шартнома.

1.1. Бонк ба Мизоҷ имконияти ба сифати воситаи пардохт истифода кардани барономаи мобилӣ, кортҳои вертуалӣ, ҳисоби амонати пасандозии корти пардохтиро ҷиҳати татбиқи ҳамаи намуди амалиёти Бонкӣ (ба ғайри фаъолияти соҳибкорӣ), ки аз тарафи Бонк расонида мешаванд, дар тамоми ҳудуди амали низомҳои пардохтӣ, ки ба он корт тааллуқ дорад, медиҳад.
1.2. Истифодаи суратҳисоб ва корти вертуалӣ (минбаъд – Корт) аз тарафи Мизоҷ, ташкили ҳисоббаробаркуниҳо бо онҳо, бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, қоидаҳои байналмилалии низомҳои пардохтӣ, тарофаҳои Бонк (минбаъд– Тарофаҳо) ва Шартномаи мазкур, танзим мегардад.
1.4. Истифодаи корт аз ҷониби шахсони сеюм ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад.

### 2. Ҳуқуқ ва ӯҳдориҳои тарафҳо

**2.1. Мизоҷ вазифадор аст:**

2.1.1. Пешниҳоди маълумоти зарурию эътимоднок ва Дархост тибқи намунаи муқарраршуда ва ҳуҷҷатҳои тасдиққкунандаи маълумот барои ба расмият даровардани корт.
2.1.2. Анҷом додани амалиёт бо истифодаи корт дар ҳудуди бақияи воситаҳои пулӣ дар ҳисоби худ, роҳ надодан ба овердрафт ва риояи меъёри харҷи якрӯза дар сурати муқаррар кардани он.
2.1.3. Подоши маблағи амалиётҳои анҷомдода бо истифодаи корт ба Бонк ва пардохти хизматрасонии Бонк мутобиқи Тарофаҳо, инчунин қоидаҳои Низоми пардохтӣ.
2.1.4. Риояи қатъии Қоидаҳои истифодабарии корт ва анҷом надодани амалиётҳо вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияте, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаҳои Бонк мухолифат дорад.
2.1.5. Нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳоие (электронӣ), ки бо истифодабарии корт анҷом дода мешаванд (ҳисобҳо, чекҳо, пардохтнома) то ба охир расидани ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи корт ва пешниҳоди онҳо бо дархости Бонк бинобар ҳаллу фасли масъалаҳои баҳсӣ.
2.1.6. Дар сурати махрум (гумшавӣ, рабудашавӣ) гардидани телефони мобилӣ фавран огоҳ намудани Бонк тавассути телефон, ё худ почтаи электронӣ ва дар давоми 2 (ду) рӯзи бонкӣ пешниҳоди ариза.
2.1.7. Подоши хароҷоти Бонк вобаста ба тамоми амалиётҳое, ки аз ҷониби шахсони сеюм то лаҳзаи басташавии корт ё худ дарҷи рақами корт дар Варақаи манъ анҷом дода шудааст, инчунин мавриди басташавии корт (ҳангоми дарҷи рақам дар Варақаи манъ аз лаҳзаи пешниҳоди ариза то лаҳзаи воқеан дарҷёбии рақам дар Варақаи манъ) – хароҷот аз рӯи амалиёте, ки бидуни иҷозат (авторизация) анҷом дода мешаванд.
Мавриди пайдоиши овердрафт пӯшонидани қарзи Бонк на дертар аз рӯзи минбаъдаи корӣ аз лаҳзаи пайдоиши он.
2.1.9. Огоҳ намудани Бонк оиди ҳама гуна тағйирот вобаста ба маълумоти дар Дархост (ному насаб, нишонӣ, ҷойи истиқомат) дарҷ ёфта дар давоми 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи ба миен омадани чунин тағйирот.
2.1.10. Гирифтани иқтибос аз рӯи ҳисоб дар давоми 10 (даҳ) рӯз аз рӯзи дуюми баъди анҷомдиҳии амалиёт ва дар сурати норозигӣ бо он, пешниҳоди эътироз ба Бонк дар давоми 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи гирифтани иқтибос, ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои баҳсӣ.

2.1.11. Огоҳ намудани Бонк дар давоми 1 (як) рӯзи корӣ пас аз гирифтани иқтибос аз рӯи ҳисоб дар бораи саҳван ба ҳисоби ӯ гузаронидани воситаҳои пулӣ ва баргардонидани маблағи мазкур ба Бонк дар давоми 3 (се) рӯзи корӣ.

**2.2. Бонк вазифадор аст:**
2.2.1. Кушодани суратҳисоби пасандози барои Мизоҷ бо асъори миллӣ – сомонӣ ва ё доллари ИМА.
2.2.2.Таъмини хизматрасонии суратҳисоб ва амалиёти Мизоҷ мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи меъёрҳои аз ҷониби Низоми пардохтӣ қабулгардида.
2.2.3. Шиносонидани Мизоҷ бо Тарофаҳо ва Қоидаҳо ва сари вақт хабардор намудани ӯ оиди воридшавии тағйирот ба Тарофаҳо ва Қоидаҳо бо роҳи пешниҳоди маълумоти дахлдор бо воситаи ҷойгиркунии маълумот дар ҷойҳои хизматрасонӣ ба Мизоҷ ва сомонаи Бонк.
2.2.4. Таъмини ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи амалиёте, ки бо истифодаи корт анҷом дода мешавад.
2.2.5. Пешниҳоди иқтибос ба Мизоҷ. Дар сурати ворид нагардидани эътироз аз ҷониби Мизоҷ дар давоми 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи гирифтани иқтибос он тасдиқгардида эътироф мешавад.
2.2.6. Пешниҳоди иқтибос аз рӯи суратҳисоби Мизоҷ бо дархости ӯ.
2.2.7. Боздоштан (бастан) ва ё қатъ гардонидани амали корт дар мавриди гирифтани аризаи дахлдори Мизоҷ, аз он ҷумла хангоми бекоркунии Шартнома.
2.2.8. Дар сурати бекоркунии Шартнома ба Мизоҷ баргардонидани бақияи воситаҳои пулӣ аз рӯи суратҳисоб, ки пас аз анҷомдиҳии тамоми ҳисоббаробаркуниҳо ба вуҷуд меоянд, бо гузашти 45 рӯзи тақвимӣ. Баргардонидани воситаҳои пулӣ бо роҳи интиқоли маблағ ба суратҳисоби ишоранамудаи Мизоҷ бо пардохти ҳамаи хараҷотҳои аз руи тарофаҳои бонк оид ба интиқол.
2.2.9. Махфӣ нигоҳ доштани сирри бонкӣ аз рӯи амалиётҳои Мизоҷ.

**2.3. Мизоҷ ҳуқуқ дорад:**
2.3.1. Пешниҳоди даъво дар сурати норозигӣ бо иқтибос ё худ пайдоиши масъалаҳои баҳсӣ доир ба амалиётҳои анҷомдода ва дархости ҳуҷҷати тасдиққунандаи Бонк оид ба дурустии харҷи воситаҳои пулӣ. Ҳамзамон пайдоиш ва баррасии вазъиятхои баҳси бо мӯҳлати 10 (даҳ) рӯз маҳдуд нагардида, (б.2.1.10) дар давоми 70 (ҳафтод) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи анҷомдиҳии амалиёт ба танзим оварда мешаванд.
2.3.2. Ивази ПИН-рамз.
2.3.3. Боздоштан (бастан) ё худ қатъи амали корт (аз он ҷумла иловагӣ) ё ин ки гузаронидани амалиёт аз рӯи ҳисоб ва ё бекоркунии Шартнома, бо пешниходи ариза/дархост ба Бонк.

**2.4. Бонк ҳуқуқ дорад:**
2.4.1. Дар сурати иҷро накардани ӯҳдадориҳои пешбининамудаи Шартнома ва қоидаҳо амали Шартнома ё худ истифодаи корти (кортҳо) Мизоҷро боздорад ва қатъ намояд бо истифодаи чунин чораҳо:
- ✓ бастани корт дар базаи иҷозатӣ (авторизация) ё худ рафъи рақам аз базаи маркази процессингӣ (радди иҷозат);
- ✓ барқароркунии бақияи дастраси сифрии маблағҳо (меъёри харҷӣ);
- ✓ дарҷи рақами корт ба Варақаи манъи низоми пардохтӣ

2.4.2. Аз ҳисоби Мизоҷ баровардани воситаҳои пулӣ, ки мутобиқи банди 2.1. Шартномаи мазкур мавриди нокифоягии воситаҳо кушода шудааст, аз тамоми ҳисобҳои Мизоҷ, ки дар Бонк кушода шудаанд, ба андозаи маблағи:
- ✓ амалиётҳои бо истифодаи корт (кортҳо) анҷомёфта мутобиқи ҳуҷҷатҳои аз Низоми пардохтӣ воридгардида;
- ✓ комиссия ва ҷаримаҳои Бонк барои хизматрасонии солонаи Мизоҷ тибқи Тарофа;
- ✓ овердрафт, фоизҳо аз рӯи он ва ҷарима бинобар батаъхиргузории баргардонидани он тибқи иқтибоси Бонк;
- ✓ саҳван ба ҳисоби Мизоҷ гузаронидашуда.

Бо аксепти Шартномаи мазкур Мизоҷ ин ҳуқуқро тасдиқ ва ба Бонк пешниҳод мекунад.
2.4.3. Яктарафа тағйир додани Тарофа ва Қоидаҳо, бо огоҳ намудани Мизоҷ бо шартҳои банди 2.2.3.-и Шартномаи мазкур.

## 3. Масъулияти Тарафҳо

3.1. Дар сурати вайрон кардани шартҳои Шартномаи мазкур Тарафҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

3.2. Вобаста ба амалиётҳое, ки бо истифодаи ПИН-рамз анҷом дода мешаванд, Бонк ҷавобгар набуда, даъвоҳоро қонеъ намегардонад.

3.3. Бонк бинобар анҷом надодани амалиёт бо истифодаи корт дар сурати вайроншавии кори таҷҳизоти электронӣ-техникии маркази просессингӣ ва эквайрер ҷавобгар нест.

3.4 Мавриди аз ҷониби Бонк барнагардонидани овердрафт дар давоми мӯҳлати муайяншуда, Мизоҷ аз ҳисоби маблағи умумии қарзӣ барои ҳар як рӯзи батаъхиргузорӣ ба Бонк ба андозаи 0,1 % ҷарима пардохт мекунад.

3.4. Тарафҳо барои пурра ва ё қисман иҷро накардани ӯҳдадориҳои хеш тибқи Шартномаи мазкур аз ҷавобгари озод карда мешаванд, агар исбот намоянд, ки чунин амал дар натиҷаи фарорасии ҳолатҳои ногузир, яъне фавқулодда пас аз бастани Шартномаи мазкур ба вуқӯъ пайвастааст. Мавриди амал қарор гирифтани ҳолатҳои ногузирро Тарафҳо бояд бо ҳуҷҷатҳои расмии мақомоти босалоҳият тасдиқ намоянд. Тарафҳо ӯҳдадор мешаванд, ки дар бораи фарорасии ҳолатҳои ногузир ҳамдигарро фавран хабардор намоянд.

## 4. Шартҳои хотимави.

4.1. Шартномаи мазкур аз лаҳзаи додани аксепт аз ҷониби Мизоҷ эътибор пайдо карда, то вақти номуайян мавриди амал қарор мегирад.

4.2. Баҳсҳои дар ҷараёни иҷрои Шартномаи мазкур ба вуҷуд омада мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

4.3. Дар сурати иҷро накардани шартҳои Шартномаи мазкур аз ҷониби Мизоҷ, бо роҳи огоҳонии хаттии Мизоҷ аз ҷониби Бонк Шартнома метавонад яктарафа қатъ карда шавад.

4.4. Мавриди қатъёбии амали Шартномаи мазкур корт ва суратҳисоб басташуда ҳисобида мешавад. Дар ин асно маблағи барои хизматрасонии солона ситонидашуда ва пардохтҳои дигар ба Мизоҷ баргардонида намешаванд.

4.5. Шартномаи мазкур дар 2 (ду) нусхаи баробарқувва барои ҳарду Тараф таҳия карда шудаанд. Замимаҳое, ки қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур шудаанд, чунин мебошанд:

## 5. Суроға ва реквизитҳои Бонк

Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Спитамен Бонк”
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734064, шаҳри Душанбе, кучаи Шамсӣ, бинои 4.
Телефон: (44) 640 65 65
РМА: 020026745
БИК: 350101808
с/м 20402972418081 дар БМТ

**Ба ҶСП "Спитамен Бонк"**

Аз номи шахрванд: ____________________

(номи пурраи шахси воқеӣ)

**Маълумотҳои шахсӣ:**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Аз номи шахрванд:** | | | | |
| **Санаи додани шиноснома:** | | | | |
| **Мақомоте ки шиносномаро додааст:** | | | | |
| **Раками мушаххаси андозсупоранда:** | | | | |
| **Чинс:** | ☐ **Мард** | | ☐ - **Зан** | |
| **Санаи таваллуд:** | | **Шаҳрванди:** | *Точикистон* | |
| **Ҷои ба қайд гирифта шуда:** | | | | |
| **Почтаи электрони:** | | | | |
| **Рақамҳои мобилӣ:** | | | | |

# ДАРХОСТ

Хоҳиш менамоям, ки ба ман ҳисоби пасандозӣ бо асъори зерин кушоед: ***(даркориашро кайд намоед - X)***

[X] Сомони (TJS) ; [ ] - Доллари ИМА (USD)

,ба он мавкеи «Хисоби асоси» дода, корти пардохтии бонки намуди зерин омода намоед:

**UNIONPAY/КОРТИ МИЛЛИ:**

[X] - VIRTUAL

Ному насаб бо ҳарфҳои чопии лотинӣ, ки дар болои корт навишта мешаванд.

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

Маълумоти махфӣ (барои шинохтани Дорандаи Корт истифода мешавад)

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

Ман кафолат медихам, ки тамоми маълумотхои пешниход намудаам дуруст мебошанд ва рози хастам, ки дар холати ошкор гардидани нодурустии ҷузъи ва ё пурраи он, амали корти пардохтиам катъ карда шавад, инчунин розӣ ҳастам, ки Бонк маълумотҳои дар ариза нишондодашударо тафтиш намояд ва барои кушодани корти бонкӣ розигӣ дихад ё не.

Бо тарофаҳо ва қоидаҳои истифодабарии корти пардохти шинос шуда нусхаи онҳоро гирифтам. Ӯҳдадор ҳастам, ки қоидаҳои истифодабарии корти пардохтиро риоя намоям ва ҳаммаи ҳаққи хизматрасониҳоро аз руи амалиёт бо корти пардохти, пардохт намоям.

**сана:** ____________

*Қайдҳои Бонк*

**Ҳисоб кушода шуд:**

| **Ҳисоби тавозунӣ** | | | | | **Рақами ҳисобнома** | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |